# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 –Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ).**

Парвандаи аттестатсионии № ________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25 сентябри соли 2025, № 19

Бораи сазовор донистани Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 –Таърих (6D020301 –Таърихи ватанӣ).

Диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 –Таърих (6D020301 –Таърихи ватанӣ) санаи 15-уми июли соли 2025, протоколи №9-и шурои диссертатсионии 6D.КОА–093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна 24 сентябри соли 1988 дар шаҳри Ваҳдат таваллуд шудааст.

Соли 2011 факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси таърих-муаррих, соли 2019 зиннаи магистаратураи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ-ро бо ихтисоси ҳуқуқи байналмиллалӣ ва соли 2022 зинаи докторантураи фалсафа (PhD) –и Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ-ро аз рӯйи ихтисоси таърихи ватанӣ хатм намудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** – Абдурашитов Фозил Маматович - доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Ҳомидзода Фурқат Муқим** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;
- **Муллоҷонзода Асадулло Кучак** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба С. Айнӣ. Дар тақризи мусбии муассисаи пешбар, ки аз ҷониби раиси ҷаласа-номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба С. Айнӣ Сайнаков С.П., ташхисгар – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба С. Айнӣ Ғуломшоев С.А. (протоколи №1, аз 26. 08.2025) имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба С. Айнӣ доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи "Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942-2021)" мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншуда буда, дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфтааст.

Диссертатсия дар мавзуи "Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942-2021)" ба талаботи бандҳои 31-35-и тартиб додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295 тасдиқ гардидааст, комилан мутобиқ буда, муаллифи он Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020301–Таърихи ватанӣ) мебошад.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 7 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 3 мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд, таҷассум ёфтааст. Дар интишороти диссертант нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Интишороти мақолаҳо дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М].**Азизхонова, Р. Г.** Фаъолияти заводи сементбарории ш. Душанбе дар солҳои 40- 60- уми асри XX [Матн] / **Р.Г. Азизхонова** // Муаррих. - 2021.- №3(27). - С.51-57.

[2-М].**Азизхонова, Р. Г.** Омода намудани кадрҳо дар заводи сементи Душанбе дар солҳои 40- 60- уми асри XX [Матн] / Р.Г. Азизхонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. – №1(96). – С.252-256.

[3-М].**Азизхонова, Р. Г.** Нақши корхонаи воҳиди давлатии “Тоҷиксемент” дар таъмини корхонаҳо ва иншооти азими саноатии мамлакат бо сементи аълосифат [Матн] / **Ф.М. Абдурашитов, Р.Г. Азизхонова** // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2024. – №3(277). – С.64-67.

**Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[4-М].**Азизхонова, Р. Г.** Рушди саноати семент дар остонаи ҳадафи чоруми стратегӣ “саноаткунонии босуръат” [Матн] / **Р.Г. Азизхонова** // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – №3 (011).- С.43-46.

[5-М].**Азизхонова, Р. Г.** Развитие цементной промышленности Таджикистана на пороге четвертой стратегической цели «ускоренная индустриализация» / **Р.Г. Азизхонова** // Международная конференция молодых ученых «Большая Евраазия континент науки”. - Москва. - 1-4 ноября 2023 г.

[6-М].**Азизхонова, Р. Г.** Эҳёи корхонаҳои сементбарорӣ ва рушди саноати маснуоти сохтмон дар Тоҷикистон” / **Р.Г. Азизхонова** // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Рушди системаи идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ” . Бахшида ба эълон гардидани солҳои рушди саноат солҳои 2022-2026. – Кӯлоб. - 2023. - С. 285-290.

[7-М].**Азизхонова, Р. Г.** Саноат ва сохтмон дар Тоҷикистон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ / **Р.Г. Азизхонова** // Конференсияи илмӣ – ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии занону духтарон дар илм ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” “Саҳми занон дар рушди илм”. – Душанбе. - 2024. - С. 271-280.

Ба диссертатсия ва автореферат чор тақризи мусбӣ ворид шудааст:

1. **Зикриёева Малика Файзиевна** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ.

2. **Ализода Бахриддин Пирмуҳаммад**- доктори илмҳои таърих, и.в. профессор дирректори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. **Махсудов Аслиддин Муҳаббатович** - доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисои таърих, дотсенти кафедраи таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ дар ноҳияи Рашт.

Дар маҷмуъ тақризҳо мусбат буда, дар онҳо навгонии натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот зикр шудаанд. Ҳамчунин, дар тақризҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020301 –Таърихи ватанӣ) хулосаҳо вуҷуд доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих ва 6D020800 - Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ва доир ба масъалаҳои гуногуни таърихи саноати Тоҷикистон, хусусан оид ба заводҳои сементи кишвар дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант:**

- масоили марбут ба таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе ва дараҷаи таъсири он ба инкишофи саноати иқтисодиёти кишвар, фарҳангу ҳаёти маишии аҳолии Ҷумҳурӣ Тоҷикистон ***коркард карда*** шуд;

- ***пешниҳод шудааст,*** ки заводи сементи Душанбе дар омода намудани мутахассисон аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ ва умуман рушди синфи коргари ватанӣ нақши арзанда дошта, дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ тавонист ин мушкилиро, яъне нарасидани мутахассисонро бартараф намояд ва дар беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии ҷомеа саҳмгузор гардад;

- ***исбот шудааст,*** ки солҳои 70 -ум ва ибтидои солҳои 90 – уми асри XX давраи авҷи тараққии корхона маҳсуб ёфта, дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли семент дар корхона ба зиёда аз як миллион тонна расонида мешавад, ки ин дастоварди беназир дар таърихи соҳаи мазкур ба ҳисоб мерафт;

- ***асоснок карда шудааст,*** ки бо дастгириҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ корхонаи мазкур ба яке аз нуқтаҳои азими истеҳсоли семент дар минтақа табдил ёфта, қариб тамоми иншооти муҳимми давлатӣ бо маҳсулоти он бунёд шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон ва таърихшиносон ҷиҳати муайян намудани роҳҳои инкишофи минбаъдаи соҳаи семент, рушди минбаъдаи корхона ва барқарор намудани таҷриба ва методҳои истеҳсоли корхона дар манотиқи дигари кишвар кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ,

хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро зимни таълифи асарҳои маҷмуӣ роҷеъ ба ташаккули саноат, хусусан рушди саноати семент дар Тоҷикистон дар замони шуравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ ва махсусан аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва Истиқлолият» метавон истифода намуд.

- ***усулҳои муосири*** таҳқиқ, бахусус усули объективияти илмӣ ҳамчун яке аз дастурҳои асосии илмҳои муосири таърихӣ ва таърихнигорӣ, инчунин усулҳои таърихӣ, аз қабили муқоисавӣ– таърихӣ, масъалагузорӣ – солномавӣ, таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ истифода гардиданд. Дар усули муқоисавӣ - таърихӣ рушди фаъолияти корхона дар замони соҳибистиқлолӣ дар муқоиса бо даврони Шуравӣ, хусусиятҳо ва методҳои хоси шакли фаъолият ва муносибат бо корхона истифода шудааст. Тавассути усули масъалагузорӣ – солномавӣ ҳудудҳои таҳқиқи масъалаи мазкур муайян шудаанд ва равандҳои солномавии ба марҳилаҳои аз паси ҳам оянда, ки фаъолияти корхонаро инъикос кардаанд, ҷой дода шудаанд. Яке аз омилҳои асосӣ назари интиқодӣ – объективӣ ба таълифоти муҳаққиқони давраи соҳибистиқлолӣ мебошад.

- воқеияти дар давраи шуравӣ ва замони соҳибистиқлолӣ дорои имтиёзҳои махсус будан, таҳти назорати махсуси ҳукумати кишвар қарор доштани заводи сементи Душанбе ***баён шудааст***;

-***ошкор карда шудааст,*** ки солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони тозаистиқлол барои корхона низ давраи мушкил ва ҳассос ба ҳисоб рафта, он чун дигар соҳаҳои хоҷагии мамлакат бо хисороти ҷиддӣ мувоҷеҳ мегардад. Баромада рафтани мутахассисон аз ҷумҳурӣ, норасоии қувваи корӣ, мавриди ғорат қарор гирифтани техника ва таҷҳизот ва амсоли он корхонаро ба ҳолати буҳронӣ оварда расонд;

- заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии бунёди корхонаи сементи Душанбе дар шароити вазнини солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо такя ба маводи бойгонӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; иқтидори табиии Тоҷикистон ва дурнамои рушди саноати сементи навъи ба сулфат тобовари тамғаи 500 – и корхонаи мазкур, ки барои бунёди иншооти азими гидроэнергетикӣ ниҳоят муҳим аст, ниёзҳои иқтисодии Тоҷикистон ва сармоягузорӣ дар самти вусъат додани фаъолияти корхона ***омӯхта шуданд***;

- тадбирҳои муҳимми Ҳукумати мамлакат ҷиҳати аз ҳолати буҳронӣ баровардани корхона, ки он дар соҳаи бинокорӣ ва бунёди иншоотҳои муҳимми давлатӣ аҳаммияти стратегӣ дорад ***муайян ва мушаххас шуданд.***

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд:**

- натиҷаҳои сосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону ходимони илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (2019-2022) дар шакли маърӯза ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ дар шакли маъруза баён гардидаанд ***коркард ва ҷорӣ карда шуд***;

- ***муайян карда шуд,*** ки мавод, мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсия зимни таълифи асарҳои маҷмуӣ роҷеъ ба ташаккули саноат, хусусан рушди саноати семент дар Тоҷикистон дар замони шуравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ ва махсусан аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик дар давраи шуравӣ ва истиқлолият» метавон истифода намуд. Аҳаммияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст;

- бори нахуст дар доираи як рисолаи илмӣ таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе ***офарида шуд;***

- фаъолияти заводи семнети Душанбе аз лаҳзаҳои таъсисёбӣ то соли 2021 дар асоси адабиёти илмӣ, маводи бойгонӣ, ҳисоботҳои заводи семент ва ғайра ***муаррифӣ карда шуд.***

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- ***назарияи таҳқиқ*** дар он зоҳир мегардад, ки он дар асоси тадқиқоти диссертатсионӣ ба маърифати амиқи зарурати нигоҳдошти муттасил ҳангоми банақшагирии барномаҳои рушди соҳаи саноати семент дар кишвар имкон медиҳанд. Маводи дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат, махсусан фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли сементи кишвар имконият медиҳад;

- ***ғояи*** таҳқиқот дар асоси ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, маводи бойгонӣ, адабиёти илмӣ, суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон, ҳуҷҷатгузории соҳавӣ ва нишондиҳандаҳои марбут ба соҳаи самент вобаста буда, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ ***асоснок шудааст;***

- таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе, дараҷаи арзиши илмии таҳқиқоти мавҷуда дар таърихнигории миллӣ, маводи бойгонӣ, саҳми заводи сементи Душанбе дар сохтмони бинову иншоотҳои муҳими давлативу ҷамъиятӣ, нақбҳо ва НОБ дар замони шуравӣ ва истиқлолият ***муайян шудаанд***.

**Саҳми шахсии довбаталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки ӯ бевосита аз сарчашмаҳои муътамад истифода карда, бо такя ба маводи бойгонӣ, хусусан фонди 1544 –и Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии ҷории Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон ва махсусан бойгонии ҷории КВД “Тоҷиксемент”, инчунин борҳо сафар намудан ба корхона, шоҳиди раванди истеҳсолот гардидан, огаҳӣ ёфтан аз вазъияти феълии он, суҳбату мулоқот анҷом додан бо собиқадорони варзида ва собиқ роҳбарони корхона, ҳолати воқеӣ ва таърихи ташаккули онро дарк ва ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор додан ва дар заминаи омӯзиш бори нахуст самтҳо ва имкониятҳои рушди минбаъдаи соҳа, хусусан корхонаро дар шароити ҷуғрофии Тоҷикистон ва аҳаммияти онро дар амалисозии саноатикунонии кишвар бозгӯ кардааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-93 аз 25 сентябри соли 2025 қарор қабул намуд, ки ба диссертант Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 –Таърих (6D020301 –Таърихи ватанӣ) дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 6D020300 –Таърих (6D020301 –Таърихи ватанӣ).

Овоз доданд: тарафдор 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,<br>доктори илмҳои таърих Бобоев Х.Ю.

Котиби илмии шурои<br>диссертатсионӣ, доктори фалсафа (PhD)<br>аз рӯйи ихтисоси таърих Мирзоев Ш.Ҷ.

25 сентябри соли 2025